АКДН мактабҳои маҳаллиро барои интиқоли анъанаҳои мусиқӣ ба насли наврас ва ба хориҷ аз кишвар сафарбар намудани гурӯҳҳои муосири мусиқӣ, ба мисли ансамбли «Бадахшон» ҷонибдорӣ менамояд.



**Шарикон**
Оҷонсии оиди Рушд ва Ҳамкории Техникӣ
Бонки Рушди Осиё
Оҷонсии Рушди Байналмилаллии Канада
Академияи мубодилаи тахсилии Олмон
Иттиҳоди Аврупо
Вазорати Ҳамкории Иқтисодӣ ва Тараққиети Олмон
Ҳукумати Тоҷикистон
Ҳукумати Ҳиндустон
Ҳукумати Ҷопон
Ширкати Молиявии Байналмилалӣ
Хазинаи Рушди Иҷтимоии Чопон
Бонки Рушди Олмон
Созмони давлати Нидерландия оиди Рушди Байналмилалӣ
Созмони Рушди Байналмилалии Швесия
Раёсати Швейсария оид ба Рушд ва Хамкори
ТелиаСонера
Хазинаи Кристенсен
Оҷонсии Иелоти Муттаҳида оиди Рушди Байналмилалӣ
Раесати Хоҷагии Қишлоқи Иелоти Муттаҳида
Раесати Шоҳигарии Муттаҳидаи Британия оиди Рушди Байналмилалӣ
Бонки Ҷаҳонӣ
Созмони Байналмилалии Тандурустӣ

**Маълумот барои иртибот**
Ташкилоти Оғохон оид ба рушд
Кӯчаи Ғани Абдулло 8-10
Душанбе, 734003
Тоҷикистон
Тел: +992 37 2246500/2246508
Факс: +992 37 2510066
Саҳифаи Интернет: www.akdn.org/tajikistan

чор пули болои дарёи Панҷ дар мазеъҳои Тем, Дарвоз, Лангар ва Ишкошимро, ки ҳоло ноҳияҳои дурдасти Тоҷикистону Афғонистонро ба ҳам мепайванданд, равона намуд. Пулҳои мазкур барои ҷониби Афғонистон баҳри дарёфти маводи ғизоӣ, бархурдор шудан аз хизматрасонии муҳимтарини иҷтимоӣ дар беморхонаҳои Тоҷикистон ва дастрас намудани кумаки башардӯстона бо роҳҳои самаранок шароити мусоид фароҳам меоранд. Барои ҷониби Тоҷикистон онҳо имкон медиҳанд, ки мардум молҳои тоҷирони афғонро бо нархҳои мӯътадил дастрас намоянд. Пулҳои мазкур баҳри мубодилаи ғояҳо ва таҳкими муносибатҳои ҳамҷаворӣ мусоидат карда, зимнан сулҳу суботу минтақаро ҳифз менамоянд.

### Рафъи хавфи офатҳои табиӣ

Созмони Фокус Кӯмаки Башардӯстона (ФОКУС) яке аз бахшҳои Ташкилоти Оғохон оид ба рушд буда, маҷмӯъи тадбирҳоро дар маҳалҳо баҳри пешгирӣ ва рафъи офатҳои табиӣ меандешад. Омӯзиши тадбирҳои омодагӣ ба офатҳои табиӣ, доир намудани таҳқиқи осебпазирӣ, корҳои паст кардани дараҷаи хавфи офатҳои табиӣ ва расондани ёрии лозимӣ аз самтҳои фаъолияти ФОКУС мебошанд.

ФОКУС аз лаҳзаи таъсисаш аз соли 1997 ба зиёда аз 40 офати табиӣ посух дода, беш аз 500 000 доллари амрикоиро ба таври кумак ба ҷамоатҳо ирсол намудааст.

Лоиҳаҳои таълимиии барномаи мазкур, масоили таҳқиқ ва паст кардани сатҳи офатҳои табиӣ зиёда аз 100 000 нафарро фаро гирифтааст.

## Рушди фарҳангӣ

Ташкилоти Оғохон оид ба рушд саъю кӯшиши аҳли мусиқӣ ва ҷамоати Осиёи Марказиро бобати таҳким, ҳифозат, рушд ва интиқоли анъанаҳои мусиқӣ ҳамчун муҳимтарин қисмати мероси мардумӣ ҷонибдорӣ менамояд.

Ташкилоти Оғохон оид ба рушд марказҳои устод-шогирдро дар Тоҷикистон, дастгирӣ мекунад, ки Академияи Мақом дар шаҳри Душанбе ва Ҳунар дар шаҳри Хуҷанд аз шумули онҳо мебошанд. Соли 2003 дар ҳамкорӣ бо ширкати «Смитсониан Фолквайс Рекодингс» як зумра осори мусиқии Осиёи Марказӣ, минҷумла альбоми Академияи Мақом интишор шудаанд, ки соли 2006 номзади гирифтани ҷоизаи Грэмми гардиданд.

Ташкилоти Оғохон оид ба рушд аз соли 2003 сар карда ба табдилу эҳёи Боғи Хоруғ ба минтақаи истироҳату фароғати аҳолӣ ва меҳмонони шаҳр машғул аст. Ободонии боғ ва ҳудуди ҳамшафати он боиси пайдоиши мавзеи сарсабзи кобили таваҷҷӯҳ ва истифодаи умум гардида, қадами муҳимме дар рушду нумӯъи шаҳр хоҳад шуд.

Ташкилоти Оғохон оид ба рушд (АКДН) гурӯҳи созмонҳои хусусӣ оид ба инкишоф буда, баҳри беҳтар намудани шароити зист, имконоти аҳли ҷомеъа ва ашхоси алоҳида, ки маъмулан дар вазъи ногувор, хусусан дар кишварҳои Африка ва Осиё ҳаёт ба сар мебаранд, фаъолият мекунад.Ин созмонҳо дар зиёда аз 30 мамлакат баҳри некуаҳволии шаҳрвандон, сарфи назар аз ҷинс, нажод, ва мансубияти динӣ, фаолият доранд. Асоси фаъолияти ташкилоти мазкурро ахлоқи тараҳҳуму меҳрубонӣ нисбат ба ниёзмандони ҷомеа ташкил медиҳад.

Барои аксҳо аз АКДН / Жан-Люк Рей, Арата Исозаки ва Ассосиасия, ARCOP Group ва Гари Отте сипосгузорӣ мешавад.

© АКДН, апрели соли 2008. Ҳангоми истифода ва иқтибос овардани маводи мазкур ба АКДН ишора карда шавад.

Aga Khan Agency for Microfinance · Aga Khan Education Services · AGA KHAN FOUNDATION · Aga Khan Fund for Economic Development · Aga Khan Health Services · Aga Khan Planning and Building Services · Aga Khan Trust for Culture · AGA KHAN UNIVERSITY · University of Central Asia

ТОҶИКИСТОН



# Ташкилоти Оғохон оид ба рушд

*Ташкилоти Оғохон оид ба рушд (АКДН) дар роҳиояндаи Тоҷикистони дорои иқтисоди серравнақ, суботи сиёсӣ, неруи ақлонии пурғановат ва фарҳанги озодандеш фаъолият мекунад. Ҳадафҳои мазкур тавассути таъсиси барномаю сохторҳое татбиқ мегарданд, ки баҳри ҳамкории муштараки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеъаи шаҳрвандӣ бо мақсади такомули неруи кишвар мусоидат мекунанд.*

*Ба сохтори Ташкилоти Оғохон оид ба рушд бахшҳое шомиланд, ки дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла рушди иқтисодии кишвар, инкишофи деҳот, маориф, эҳёи фарҳанг, инчунин сиҳатии омма ва хадамоти молиявӣ фаъолият мекунанд. Фаъолияти бахшҳои мазкур ба ҳам алоқаманд буда, онҳо баҳри мароми муштараки таъсиси сохтору барномаҳои ҷавобгӯи мушкилоту шароитҳои мусоиди равнақи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, ки марҳилаи муосири тараққиёти давлат пайдо мешаванд, амал мекунанд.*

*Ташкилоти Оғохон оид ба рушд дорои таҷрибаи ғании кор дар манотиқи кӯҳистон буда, фаъолияти он дар Тоҷикистон аз соли 1992 идома дорад. Он дар тамоми вилоятҳои мамлакат намояндагиҳои худро дошта, ҳоло тавассути фаъолият ва маблағгузории хеш қариб 3000 нафарро бо кор таъмин месозад.*

## Рушди иқтисодӣ

Ташкилоти Оғохон оид ба рушд дар соҳаи рушди иқтисодӣ бо дарназардошти дарку эҳсоси мушкилоти Тоҷикистон самтҳои мухталифро маблағгузорӣ мекунад, ки ба беҳбудии инфраструктураи зарурӣ ниёз доранд.

Ташкилоти Оғохон оид ба рушд дар ҳамкорӣ бо шарикони хеш Ширкати Помир Энерҷиро таъсис дода буд. Ширкати мазкур дар доираи шартномаи шарикии ҷамъиятию хусусе, ки бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, фаъолияти кулли сохторҳои истеҳсолкунанда, интиқолдиҳанда ва тақсимкунандаи қувваи барқро дар сар то сари Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон идора менамояд. Шартномаи мазкур дар муддати 25 сол амал хоҳад кард.

Аз соли 2002 Шаркати Помир Энерҷӣ зиёда аз 26,8 миллион доллари амрикоиро барои тааъмири инфраструктура, тақвияти неруи барқии обӣ ва ҷорӣ намудани низоми баҳисобгирии истифодаи барқ дар ВМКБ маблағгузорӣ намудааст.Баъди азнавсозиаш зиёда аз 86 фоизи аҳолии ВМКБ аз истифодаи қувваи барқ бархурдор гардидаанд. Аз соли 2002 то кунун ҳаҷми умумии истеҳсоли қувваи барқи тамоми 11 истгоҳи барқии обӣ аз 28 МВт то 42 МВт афзуд.

Соли 2001 Ташкилоти Оғохон оид ба рушд ва шарикони он бо мақсади қонеъ намудани талаботи рӯзафзуни хизматрасонӣ ва тавсиаи неруи соҳаи алоқаи мобилии кишвар Ширкати Индиго Тоҷикистонро таъсис доданд. Ҳоло Индиго аз ҷиҳати даромади худ яке аз ширкатҳои калонтарини алоқаи мобилии мамлакат буда, даромади солонаи он 50 миллион доллари амрикоиро ташкил медиҳад ва аз ҷиҳати шумораи муштариёнаш, ки дар соли 2007 28 фоизи ҳаҷми умумии бозори алоқаи мобилиро ташкил медод, дар мақоми дуюм қарор дорад. Шабакаи ширкати мазкур зиёда аз 90 фоизи қаламрави мамлакатро фаро гирифта, ба муштариёнаш бо сифати аъло хизмат мерасонад ва амалиёти мансуб ба

ТАШКИЛОТИ ОҒОХОН ОИД БА РУШД
www.akdn.org

Меҳмонхонаи панҷситорадори Серена дар шаҳри Душанбе яке аз воситаҳои ҷонибдории рушди Тоҷикистон ҳамчун минтақаи ҷолиби сайёҳӣ хоҳад шуд. Анҷоми сохтмони меҳмонхона соли 2009 дар назар аст.



Бахшҳои Ташкилоти Оғохон оид ба рушд дар аснои иҷрои вазифаҳои хеш дар самтҳои мухталиф тибқи ӯҳдадориҳои дарозмуддат фаъолият доранд. Принсипи раҳнамоии онҳо чунин аст, ки муҳити башардӯстонаю босуботро бояд худи одамон интихоб кунанд, ки дар ҳамоҳангӣ бо мӯҳити зист бояд чигуна зист ва мавҷудияти хешро ба кадом минвол бехтар намуд. Аз ин рӯ, субот аз аввал ҷамбаи асосист ва дар заминаи он муҳимтарин қарорҳо қабул мешаванд.

Сарфи назар аз он ки бахшҳои Ташкилоти Оғохон оид ба рушд дорои вазифаҳои мушаххаси хешанд, онҳо дар якҷоягӣ амал намуда, фаъолияти муштараки худро таҳким мебахшанд. Мақсади асосии бахшҳои мазкур расондаи ёрӣ ба ҷамоатҳои камбизоат ва ба ҳамин васила дорои бизоату қобили худкифоӣ гардидани онҳо мебошад. Дар ҳамин замина ин табақаи аҳолӣ бояд ҳаёти хешро тарҳрезӣ намоянд ва ба онҳое, ки дар вазъити боз ҳам ниёзмандтар қарор доранд, ёрӣ расонад.

**Акс дар мукова:** Пул дар мавзеи Тем-яке аз чор пуле, ки АКДН сохтааст ва Афғонистонро бо Тоҷикистон мепайвандад.

ширкатҳои муҳобиротии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Бахши сайёҳии Ташкилоти Оғохон оид ба рушд тавассути меҳмонхонаи Серена Инн дар шаҳри Хоруғ ва инчунин сохтмони меҳмонхони панҷситорадори Серена дар шаҳри Душанбе, ки арзиши сохтмони он 40 миллион доллари амрикоиро ташкил мекунад, амалӣ мегардад. Анҷоми сохтмони меҳмонхона дар соли 2009 дар назар аст. Иншооти мазкур яке аз иморатҳои зебо ва иборат аз 95 ҳуҷраю апартамент хоҳад буд. Ташкилоти Оғохон оид ба рушд тавассути сохтмони меҳмонхонаҳои Серена ибтикороти Тоҷикистонро ҷиҳати фароҳам овардани фазои боз ҳам мусоид барои меҳмонони кишвар дастгирӣ намуда, зимнан бахри равнақи иқтисодӣ ва беҳбудии шароити зисти аҳли ҷомеъа мусоидат мекунад.

## Рушди иҷтимоӣ

### Маориф

Литсеи Оғохон, ки соли 1998 дар шаҳри Хоруғ таъсис ёфта буд, яке аз аввалин мактабҳои хусусии ВМКБ мебошад. Мактаб барои 950 ҷои талабаи аз синфи 1 то синфи 11 таъин шудааст. Таълим тавассути муаллимони баландихтисос бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ доир мегардад.

Барномаи Оғохон оид ба инсоншиносӣ соли 1997 дар шаҳри Душанбе таъсис ёфтааст. Фаъолияти барномаи мазкур ба кадршиносӣ ва равнақи гуногунандешии ақидаҳо, фарҳангҳо ва ашхос тавассути таҳияю татбиқи навгониҳои барномаҳои таълимӣ дар асоси анъанаҳои фарҳангии Осиёи Марказӣ равона шудааст. Зиёда аз 20000 донишҷӯи мамолики Осиёи Марказӣ курсҳои инсоншиносиро бомуваффақият хатм намуда, 46 муаллими факултаҳо методикаи таълими курси инсоншиносиро омӯхтанд.

Дар асоси шартномаи байналмилалӣ ва оиннома, ки аз ҷониби Ҳукуматҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Волоҳазрат Оғохон соли 2000 ба имзо расидаанд, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ таъсис ёфт. Ин Донишгоҳ дар Осиёи Марказӣ ба донишҷӯён маълумоти олии меъёри байналмилалиро хоҳад дод ва мутахассисони дорои дараҷаи баланди донишу маҳорат ва неруи эҷодии қобили татбиқи гояҳои нав, идоракунӣ ва навгониҳоро дар иқтисоди марҳилаи гузариши мамолики минтиқа тайёр менамояд.

Соли 2006 Мактаби таълимоти касбӣ ва давомдори Донишгоҳи Осиёи Марказӣ таъсис дода шуд. Он дар Осиёи Марказӣ аввалин муассисаест, ки дар заминаи Донишгоҳ маълумоти касбиро бидуни гирифтани диплом медиҳад. Дар доираи мактаби таълимоти касбӣ ва давомдори Донишгоҳи Осиёи Марказӣ бо мақсади ҷонибдории рушди иқтисодӣ курсҳои омӯзиши фанҳои мухталифи тахассусӣ амал мекунанд, ки барои рушди инфиродии ҳам ҷавонон ва ҳам ашхоси дорои синну соли калонтар таъсис дода шуданд. Ҳоло дар шаҳр Хоруғ сохтмони шаҳраки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ идома дорад, ки он яке аз се се шаҳраки банақшагирифта дар Осиёи Марказӣ буда, барои 1000 донишҷӯ ва 200 корманд таъин шудааст.

Бахшҳои Ташкилоти Оғохон оид ба рушд бо сохторҳои ҳукуматии вилоятӣ ҳамкорӣ мекунанад. Масалан, яке аз чунин сохторҳо Донишкадаи рушди касбӣ аст, ки дар он методҳои нави таълим ҷорӣ гардида, оид ба бунёду рушди неруи соҳаи маориф корҳои зиёде ба сомон расонда мешаванд. Соли 2006 105 мактаб ва зиёда аз 15 000 бачагон ба ҷорабиниҳое, ки дар доираи барномаи «Равнақи ҳаматарафаи шароити таълим дар мактабҳо»доир гардиданд, фаро гирифта шуданд. Дар назар аст, ки то соли 2011 ин барнома тамоми мактабҳои ВМКБ-ро фаро гирифта, ҳамчун модели интишори минбаъдаи методҳои нави таълим хидмат мекунад.

### Тандурустӣ

Ташкилоти Оғохон оид ба рушд бо мақсади комёб шудан ба сиҳатии устувори аҳолии Тоҷикистон, хусусан атфоли то панҷсола ва занони қобили таваллуд дар бахши таъмини хадамоти дастрас барои маърифати санитарию беҳдошт, пешгирӣ ва сариваќ ошкор кардани беморӣ дар самтҳои гуногун ва расондани ёрии тиббӣ фаъолит дорад.

Фаъолияти Ташкилоти Оғохон оид ба рушд дар бахши тандурустӣ самтҳои мухталифро дар бар мегирад. Масалан, он бо мақсади такмили маърифат ва расондани кумак ба аҳли ҷамоат дар масоили гуногуни сиҳатии омма ба 500 нафар кормандони соҳаи тандурустии сатҳи ҷамоатҳои сар то сари Тоҷикистон имконияти омӯзишро фароҳам оварда буд. Ташкилоти Оғохон оид ба рушд баҳри таъмини аҳолии манотиқи дурдасти кишвар аз доруи хушсифату дастрас ба таъсиси фондҳои гардони доруворӣ машғул аст. Ташкилоти мазкур инчунин бо ширкату ҳамкории Созмони байналмилалии тандурустӣ дар аснои таҳияи нақшаи ҷумҳуриявии омӯзиш барои ҳамшираҳои шафқат қарор дорад. Таъмири беморхонаҳо ва инфраструктураи соҳаи тандурустӣ низ яке аз самтҳои фаъляити Ташкилоти Оғохон оид ба рушд мебошад.

### Рушди деҳот

Ташкилоти Оғохон оид ба рушд дар доираи Барномаи Ҷонибдории Инкишофи Иҷтимои Манотиқи Кӯҳистон (БҶИИМК)-и Фонди Оғохон якҷанд лоиҳаро дар бахши рушди деҳот дар 17 ноҳияи се минтақаи Тоҷикистон – ВМКБ, водии Рашт ва Вилояти Хатлон бо фарогирӣ аз 730 000 нафар аҳолии минтақаҳои мазкур татбиқ менамояд. БҶИИМК таъсиси Ташкилотҳои Деҳоти (ТД)-ро ҳамчун иҷрокунандаи фаъолияти барномавии хеш ҷонибдорӣ мекунад. Ташкилотҳои Деҳоти тавассути омӯзиш, бунёди неру, инчунин аз ҷониби фондҳои инкишофи деҳот аз кумак бархурдор мегарданд. То кунун БҶИИМК таъсиси 1100 ташкилоти деҳотро ҷонибдорӣ намудааст, ки онҳо аз 130 000 нафар аҳолии деҳаҳо иборатанд ва 47 фоизи онҳоро занон ташкил медиҳанд.

БҶИИМК ба ҷамоатҳо барои зиёда аз 24 000 кишоварз дар шакли пули нақд ва воситаҳои моддӣ мустақиман ёрӣ расондааст. Инчунин дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз 2400 лоиҳаи инфраструктурӣ татбиқ ва қариб 50 корхонаи нав таъсис гардиданд.

### Хадамоти молиявӣ

Аввалини бонки молиявии хурд дар Тоҷикистон соли 2003 таъсис ёфта, аввалин бонки тиҷоратии дорои иҷозатнома аст ва фаъолияти он асосан ба додани қарзҳои хурд равона гардидааст. Ҳоло бонки мазкур дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Кӯлоб шаҳраки Ғарм шӯъбаҳои худро дорад, ки аз ҷониби шабакаи идораҳои ноҳиявиашон дастгирӣ карда мешаванд. Мақсади асосии бонк нигаҳдории пасандозҳо ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ дар доираи ҷонибдории ибтикороти паст кардани сатҳи камбизоатӣ тавассути фароҳам овардани маҷмӯъи васеъи хизматрасониҳои пасандозӣ ва амонатӣ ба ҳисоб меравад.

Моҳи феврали соли 2008 маблағи умумии садуқи қарздиҳии бонки мазкур 19,9 миллион доллари амрикоро ташкил дода, 16,9000 нафар мизоҷони онанд, ки 31 фоизи онҳоро за нон ташкил медиҳанд. Дараҷаи баргардонии қарзҳо 99 фоиз аст.

### Инфраструктура

Ташкилоти Оғохон 1,7 миллион доллари амрикоиро барои сохтмон ва таҷдиди

*«Мушкилоти Осиёи Марказӣ хеле душвор буда, онҳо дорои сабабҳои серҷабҳа ва печида мебошанд. Ҳалли онҳо бархурди ҳамаҷонибаю фарогирро тақозо мекуад...Раванди шинохт хеле душвор аст ва ҳамаи мо бояд зарурати ҳалли фаврии масъалаҳоро дарк намоем ва гузашта аз ин, ҳалли аксарияти онҳо шояд душвор бошад.*

*Ман хушҳолам, ки мардуми Осиёи Марказӣ ва ормону орзӯҳояшонро бифаҳмам. Ман медонам, ки дар онҳо рӯҳияи соҳибкорие ниҳон аст ва он одатан дар сатҳи хонавода ё деҳа зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, барои тарҳрезии масоили рушди умда ҳалли чунин масъалаҳо дар сатҳи маҳал хеле заруранд».*

—Суханронии Волоҳазрат Оғохон дар Конференсияи оид ба Осиёи Марказӣ ва Европа: Шарикии нави иқтисодӣ дар асри 21. Берлин – 13 ноябри соли 2007



Баъди ифтитоҳи шаҳраки Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар Хоруғ Донишгоҳ ба донишҷӯён барномаҳои таълимии меъёри байналмилалиро пешкаш хоҳад кард.